# САРРАИС ДАР ШӮРОИ АМНИЯТИ МИЛЛИИ ИМА БА ТОҶИКИСТОН ТАШРИФ МЕОРАД

Майкл Макфол, сарраиси умур оид ба Русия ва Осиёи марказии Шӯрои амнияти миллии ИМА рӯзҳои 15 – 16 июл ба Тоҷикистон ташрифи расмӣ овард. Дар доираи ташриф ӯ бо Президент Раҳмон мулоқот карда, доир ба мавзӯъҳои муносибатҳои миёни Амрикову Тоҷикистон, рӯйдодҳои Осиёи марказӣ, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, аҳдофи муштарак дар Афғонистон ва ғайра сӯҳбат оростанд.

Ҷаноби Макфол, ки дар як вақт профессори фанҳои сиёсӣ дар Донишгоҳи Стэнфорд ба ҳисоб меравад, бо созмонҳои ҷамъиятиву сиёсии Тоҷикистон низ вохӯриҳо гузаронид.

Шӯрои амнияти миллӣ созмони усулиест барои Президент Обама ва мушовирони амнияти миллӣ ва ходимони расмии кабинеташ дар муҳокимаи масоили амнияти миллӣ ва сиёсати хориҷӣ. Аз рӯзи аввали Шӯро, ки аз тарафи Президент Трумэн таъсис дода шуда буд, рисолати он ин тавассути машварат ба Президент дар масъалаҳои амният ва сиёсати хориҷӣ мадад расонидан буд. Ин Шӯро ба Президент барои ҳамоҳанг кардани ин сиёсатҳо дар байни идораҳои гуногуни ҳукумат ҳамчун сохтори асосӣ хизмат мекунад.

Аксҳои иловагиро аз саҳифаи Facebook-и Сафорати ИМА дастрас намоед:
http://www.facebook.com/album.php?aid=256805&id=72639402941